***ТДУ 327.С***
***ТКБ 66.75***

***ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА ТАҲКИМИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН***

***Набиев Ваҳоб Машрафович,*** *д.и.т., профессори кафедраи таърихи ватан ва археологияи МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров";* ***Каримзода Осим Қосимӣ,*** *д.и.т., профессор, сардори Раёсати маорифи вилояти Суғд(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ЛИДЕР НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОН И УПРОЧЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ***

***Набиев Вахоб Машрафович,*** *д.и.н., профессор кафедры отечественной истории и археологии ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова»;* ***Каримзода Осим Косими,*** *д.и.н., профессор, начальник Управления образования Согдийской областы (Таджикистан, Худжанд)*

***LEADER OF THE NATION EMOMALI RAHMON AND STRENGTHENING STATE YOUTH POLICY IN TAJIKISTAN***

***Nabiev Vakhob Mashrafovich,*** *Dr. of History, Professor of the department of home history and archeology under the SEI «KhSU named after acad. B. Gafurov»,* ***E-mail:*** *v.m.nabiev@mail.ru*
***Karimzoda Osim Kosimi,*** *Dr. of History, Professor, head of the education department of Sughd Viloyat (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *info@maorif-sugd.tj*

***Вожаҳои калидӣ:*** *истиқлоли давлатӣ, Пешвои миллат, сиёсати давлатии ҷавонон, сохторҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ҷавонони болаёқат, олимпиадаҳои сатҳи ҷаҳонӣ, бунёдкорӣ*

*Дар мақола саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон дар заминаи маводи мӯътамад марҳалаҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос намудаанд. Омӯзиш ва таҳлили татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон собит менамояд, ки он марҳалаҳои гуногунро тай карда, чор марҳаларо аз сар гузаронидааст.. Таваҷҷӯҳи хоса ба баррасии масъалаи ғамхории ҳамаҷонибаи Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонони лаёқатманд равона шудааст. Дар мақола ҳамчунин иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, идораи давлатӣ ва сохтмони иншооти бузурги сатҳи ҷаҳонӣ нишон дода шудааст.*

***Ключевые слова:*** *государственный суверинитет, Лидер нации, государственная молодежная политика, государственные структуры, общественные объединения молодежи, одарённые молодежи, олимпиады международного уровня, созидания*

*В статье рассматривается вклад Основателя мира и национального единства, Лидер нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в становлении и упрочении государственной молодежной политики в Таджикистане. Авторы на основе достоверных материалов освещают основные этапы реализации государственной молодежной политики в суверенном Таджикистане. Особое внимание уделяется вопросу всесторонней заботы Лидера нации об одаренной молодежи. В статье также показывается участие молодежи в общественной жизни и управлении государством, строительстве крупных объектов.*

***Key words:*** *state sovereignty, Leader of the nation, state youth policy, state structures and public associations of youth, constitutional opportunities, stimulating gifted youth, international Olympiads, creativity*

*The article dwells on contribution of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, Tajikistan Republic President Emomali Rahmon into formation and strengthening state youth policy in Tajikistan. Based on reliable resources the authors discover the main stages of implementation of state youth policy in sovereign Tajikistan. Particular attention is paid to the issue beset with the Leader of Nation`s comprehensive care for gifted youth. The article shows participation of young people in public life and government, construction of large facilities as well.*

Таърихи сисолаи Истиқлоли давлатӣ собит менамояд, ки дар бунёди давлати демократию дунявӣ мақоми ҷавонон бағоят бузург аст. Зеро дар тамоми кишварҳои дунё ҷавонон ба сифати

як нерӯи ниҳоят пуриқтидори бунёдкор ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеа шинохта ва эътироф шудаанд.

“Дар давраи Истиқлолияти давлатӣ, - менависанд муаллифони китоби “Пешвои миллат бо ҷавонон”, - дар ҳаёти ҷавонони Тоҷикистон дигаргуниҳои зиёд ба вуқӯъ омаданд – пастию ноумедӣ, рӯҳафтодагӣ, гаронӣ ва роҳҳои бисёри ноҳамвори зиндагӣ онҳоро дучор омад, ки ҳар қадам, давра ба давра ва дар ҳалли ҳар як мушкилот Сарвари мамлакат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамроҳи ҷавонон буданд ва онҳоро дастгирӣ ва пешвоӣ мекарданд: дар пастиҳо **падарвор** дастгири ҷавонон буданд; ҷавонони ноумеду рӯҳафтодаро ҳамчун **намуна** бо ёдоварӣ аз тазодҳои ҳаётӣ ва созгории хеш умед мебахшиданд; гаронии рӯзмараи шахсони ҷавонро ҳамчун **бародар** ва **сарвар** сабук ва ҳал менамуданд; ҷавононро дар роҳҳои ноҳамвори зиндагӣ ҳамчун **дӯст**, **рафиқ** ва **пешво** ҳамроҳӣ ва ҳидоят мекарданд, ба онҳо роҳ мекушоданд. Хулоса, Пешвои миллат бо ҷавонон буданд ва ҳастанд”[1, с.7].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар 21-уми майи соли 2021 гуфта буд: “Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти ҷавонон, роҳандозии тадбирҳои амалӣ вобаста ба тақвияти фаъолияти онҳо дар ҷомеа, таъмини иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳуввияти миллӣ дар ниҳоди ҳар як намояндаи насли имрӯза давра ба давра иқдомоти мушаххасро амалӣ намуд.

Мо ҷавононро неруи созандаву бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ва ояндаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрӯз ба онҳо такя мекунем” [8].

Дар тақвияти ин гуфтаҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо ибрози андеша намуда, аз ҷумла қайд карда аст: “Қобили зикри махсус аст, ки Тоҷикистони мо тибқи таҳлилҳои Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид аз ҷумлаи кишварҳои дорои афзалияти ҷавонон буда, синну соли миёнаи аҳолии он 22,5 солро ташкил медиҳад [8].

Дар баробари ин тибқи маълумоти оморӣ зиёда 70 фоизи аҳолии кишварро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд ва маҳз ба ҳамин хотир Тоҷикистон мамлакати ҷавонон ба ҳисоб меравад” [8].

Бо назардошти ин, дар Тоҷикистон аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба татбиқи сиёсати давлат доир ба ҷавонон ҳамчун нерӯи фаъоли ҷомеа афзалияти бештар муқаррар шудааст.

Бо ин мақсад даҳҳо қонуну қарор ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон” қабул карда шуданд, ки онҳо барои муттаҳид намудани ҷавонон ва дар пешрафти кишвар, ҳимояи марзу буми он, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва корҳои созандагиву ободкорӣ фаъолона ширкат кардани онҳо роҳи васеъ кушоданд.

Омӯзиш ва таҳлили татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон собит менамояд, ки вай марҳалаҳои гуногунро тай кардааст:

**Марҳалаи якум** – аз моҳи марти соли 1992 то моҳи июни соли 1997. Ин марҳала аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» оғоз гардида, то баимзорасии Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ идома мeёбанд.

Дар ин марҳала саҳифаи навинро дар инкишофи ҳаракати ҷавонон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми марти соли 1992 «Дар бораи сиёсати ҷавонон» боз намуд.

Ташаккул ва муайянсозии роҳу равиши минбаъдаи сиёсати давлатии ҷавонон баъди Иҷлосияи XVI таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Сарвари Тоҷикистони соҳибистиқлол Эмомалӣ Раҳмон 2 феврали соли 1993 бо ҷавонон мулоқот намуд. Он вақт оташи ҷанг ҳанӯз хомӯш нагардида, дар баъзе ноҳияҳо садои тиру туфанг ба гӯш мерасид. Сарвари мамлакат Эмомалӣ Раҳмон нутқи пурмазмуни барномавии худро чунин оғоз намуда буд: “Имрӯз дар ин толор ман аз чеҳраи кушоди шумо гармии чеҳраи ҷавонони ҷумҳуриро эҳсос мекунам. Мақсад доштам қаблан бо падарону пирони барнодили рӯзгордида мулоқоте доир намоям, чунки онҳо зиндагиву ҳастии худро барои обод намудани ҷумҳурӣ сарф кардаанд. Аммо ҷавонии шумо ақидаамро дигар кард, маро водор сохт, ки аввал бо шумоён вохӯрӣ намоям.

Мехоҳам, ки дар ин сӯҳбати рӯёрӯй андешаҳои худро иброз дошта, ҳадафҳоямро фаҳмонам. Дар ин толор ҷавононе ҳастанд, ки барои пешравии ҷомеаи мо маслиҳату пешниҳодоти муфид медиҳанд” [12].

Эмомалӣ Раҳмон 4-уми сентябри соли 1993 дар ҷамъомади Шӯрои марказии Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, 17-уми марти соли 1994 дар Анҷумани якуми Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ширкат варзида, ҷавононро вазифадор кард, ки манфиати халқу давлатро нисбат ба ҳадафҳои рӯзмарраи гурӯҳҳо, ҳизбҳо ва созмонҳои алоҳида болотар гузоранд ва чун як тан барои ягонагии Тоҷикистон, осоиш ва некӯаҳволии халқ саъйю талош намоянд.

"Идеали сиёсии мо ваҳдати миллӣ, муттаҳидию ягонагӣ, дӯстию бародарӣ ва пешрафти Ватани азизамон мебошад" – таъкид карда буд роҳбари мамлакат [11,с.87].

Бори нахуст дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон 6-уми ноябри соли 1994 бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии ҷавонон ба таври возеҳ муайян карда шудааст.

Воқеаи фаромӯшнашавандаи таърихии ҳаракати сиёсии ҷавонон – мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23-уми майи соли 1997 буд.

Ин мулоқот ба даврае рост омад, ки раванди расидан ба оштии миллӣ ба фарҷоми мантиқии худ расида буд. Ҷараёни нобоварию мухолифат бар марҳилаи ҳамкорӣ дар роҳи бунёди давлати демократии Тоҷикистон табдил ёфт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳи бунёдкорӣ ворид сохтани ҷавононро яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор овардааст. Ӯ ҷавононро қувваи бузурги бунёдкорони ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол меҳисобад. Ин аст, ки Эмомалӣ Раҳмон ба тарбияи ватанпарастӣ, муносибати эҳтиромона ба гузаштаи таърихӣ таваҷҷӯҳи махсус дода, ҷавононро таъкид менамояд, ки аз фаъолияти қаҳрамононаи насли калонсол ибрат гиранд. "Вақте ки ҷавононро барои бунёди роҳи оҳани Термиз-Душанбе, азхудкунии заминҳои Вахш, каналҳои калони Фарғонаю Ҳисор, роҳи мошингарди Душанбе-Хоруғ, сохтмонҳои азиме чун нерӯгоҳи барқии Норак ва ғайра сафарбар карданд, онҳо бо фидокорӣ ва қаҳрамонии беназири худ ҷаҳониёнро дар ҳайрат гузоштанд" [9,с.6].

Бо мақсади амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» Эмомалӣ Раҳмон 23-уми майи соли 1997 фармонро «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон» имзо намуд. Тибқи фармон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки масъалаи таъсис додани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намояд [3,с.14].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми майи соли 1997 дар бораи таъсис додани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард.

Дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад шӯъбаи сиёсати ҷавонон ба фаъолият шурӯъ кард.

Таъсис ёфтани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масоили сиёсати давлатии ҷавонон оғоз гардидани марҳилаи нав буд.

**Марҳалаи дуюми** татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон (аз июни соли 1997 – моҳи июни соли 2004) аз баимзорасии Созишномаи умуми истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири навро дарбар мегирад.

Бо имзорасии Созишномаи умуми истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон марҳилаи муҳими тақдирсоз шурӯъ шуд ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти сохторҳои давлатӣ баҳри татбиқи сулҳ, ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани обрӯи байналхалқии кишварамон кӯшишҳои арзандаю назаррас ба харҷ доданд.

Самти дигари сиёсати ҷавонон дастгирии соҳибистеъдодҳои ҷавон мебошад. Бахри дастгирии онҳо 26-уми феврали соли 1998 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо», 20-уми марти соли 1998 «Дар бораи таъсис додани ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд» ба тасвиб расид.

16-уми майи соли 1998 мулоқоти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонони лаёқатманд баргузор гардида, рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» баъди танаффуси тӯлонӣ ба фаъолият оғоз намуд.

Омили муҳими марҳилаи мазкур ба корҳои роҳбарикунанда пешбарӣ кардани ҷавонон буд.

Тавассути Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» намояндагони арзандаи ҷавонон сазовори мандати вакилӣ гаштанд.

Аз ҷумла Тоҷиниссо Маҳмадова, Мирзодавлат Одинаев, Абдуманнон Холиқов, Давлатаҳмад Саидов, Лайлӣ Бобоева, Ёқубҷон Исмоилов, Раъно Самиева вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд.

Санавбар Хоҷаева, Қосимҷон Қосимов, Рашид Мирзоев, Ҳамидулло Алишеров узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд [5,с.43].

Дар заминаи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Маҷлиси Олии кишвар 23 май «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» эълон карда шуд.

**Марҳалаи сеюм** аз қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав (июли соли 2004) ибтидо гирифта то таъсиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфтааст.

Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» (13-уми марти соли 1992) дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳаввулоти иҷтимоию сиёсӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида шуд. Бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина қувватгирии сиёсати давлатии ҷавонон, фароҳам овардани фазои мусоидаткунандаи меъёрию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон зарурати даровардани тағйиротҳо ба Қонуни асосии ҷавонон ба миён омад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми марти соли 2004 бо истифодабарӣ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»-ро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. 9-уми июни соли 2004 дар иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав қабул гардид.

8-уми июли соли 2004 Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»-ро ҷонибдорӣ кард. [2,с.12].

«Вобаста ба тақозои замон, - қайд намуда буд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо намояндагони ҷавонони мамлакат 21-уми майи соли 2005, - соли гузашта Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав қабул гардид, ки барои ҳалли масъалаҳои марбут ба ҷавонон заминаи боэътимод фароҳам овардааст.

Сиёсати давлатии ҷавонон сиёсатест, ки татбиқи он аз сохторҳои гуногуни ҳукумативу ҷамъиятӣ фаъолияти муштаракро тақозо менамояд.

Аз ҷониби дигар масъалаҳои ҷавононро бо истифодаи нерӯи созандаи онҳо ба манфиати рушди давлату ҷомеа бо роҳи фароҳам овардани шароит ҷиҳати иштироки фаъолонаашон дар ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат метавон ҳаллу фасл кард. Инкишофи маънавию ҷисмонии ҷавонон ва нерӯи солими онҳо барои давлату миллат омили муҳим аст» [10,с.7-8].

23-юми майи соли 2013 мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонони кишвар доир гардид. Мулоқоти Президенти кишвар бо намояндагони ҷавонон ҳамчун идомаи марҳалаи амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонон мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар барномаҳои соҳавӣ дар маҷмӯъ 840 миллион сомонӣ равона кардааст.

**Марҳалаи чорум** аз таъсиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (19-уми июли соли 2015) оғоз меёбад. Таъсиси Шӯро иқдоми навбатии мақоми олии сиёсии мамлакат дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар оянда робитаи бевосита ва самарабахши ҷавононро бо роҳбарияти кишвар таъмин менамояд.

Тағйиру иловаҳои ба Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (22-юми майи соли 2016) воридшуда барои фаъолияти ҷавонон майдони боз ҳам фарох кушода, ҷиҳати иштирок дар

идоракунии давлат ва интихоб ба мақоми роҳбарии шохаҳои ҳокимият заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳам замон як қатор имкониятҳои конститутсионии ҷавонон дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ, аз ҷумла дар самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 12), иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат (моддаи 27), меҳнат (моддаи 35), истироҳат (моддаи 37)ҳифзи саломатӣ (моддаи 38) иштирок дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа (моддаи 40), таҳсил моддаи (41) ва монанди инҳо амалӣ гардида истодаанд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии масъалаҳои ҷавонон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳат, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа, дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумита оид ба оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонон ташкил карда шудааст.

Инчунин дар Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ Комиссияи доимӣ оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонон амал мекунад.

Боиси тазаккур аст, ки дар интихоботи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1-уми марти соли 2020) сиёсатмадори ҷавони умедбахш раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ узви Маҷлиси миллӣ интихоб шуд. Аъзои Маҷлиси миллӣ якдилона Рустами Эмомалиро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2020 шумораи ҷавонони то синни 35-сола дар байни хизматчиёни давлатӣ 8347 нафар ё худ 45,5 фоиз ва дар ҳайати кадрҳои роҳбарикунанда 1279 кас ё 22,6 фоизро ташкил медиҳад [18].

Далели ин гуфтаҳо ба вазифаҳои раиси шаҳри Душанбе таъин шудани Рустами Эмомалӣ, раиси ноҳияи Ашт Зариф Мирдадо, раиси шаҳри Истаравшан Адҳам Маъмурзода, муовини раиси шаҳри Душанбе Мавсума Муинӣ ва дигарон мебошанд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон олимони ҷавону лаёқатманд Қобилҷон Хушвактзода, Шукрулло Хайрзода, Убайдулло Асрорзода ректорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъин гардиданд [14].

Вобаста ба таҳсил Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои наврасону ҷавонон тамоми имкониятҳоро фароҳам овардааст, то насли ояндасози миллат аз илм, техника ва технологияҳои замони муосир баҳравар бошанд ва давлати хешро дар арсаи ҷаҳонӣ сазовор муаррифӣ намуда, парчамбардор ва посдори фарҳанги миллӣ бошанд. Дар ин замина гирифтани таҳсили ройгон дар ҳамаи зинаҳои муассисаҳои таълимии кишвар ва таҳсилоти олӣ дар хориҷи мамлакат кафолат дода шудааст.

“Имрӯз шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 41, донишҷӯён ба 245 ҳазор ва бо иловаи донишҷӯёне, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд, ба 285 ҳазор нафар расидааст...

Таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишварҳои хориҷӣ яке аз ибтикороти муҳимми Ҳукумати мамлакат дар самти рушди илму маориф маҳсуб меёбад.

Ҳоло дар хориҷи кишвар зиёда аз 40000 нафар донишҷӯ, магистр ва аспирантҳои мо ба таълим фаро гирифта шудаанд.

Мо бояд тавассути стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон», барномаҳои байналмилалӣ ва дигар имконоти мавҷуда таҳсили ҷавонони боистеъдодро дар хориҷи мамлакат вусъат бахшем” [7,с.28-29].

Ширкати хонандагони Тоҷикистон дар олимпиадаҳои сатҳи ҷаҳонӣ бештар гардида, дастовардҳо низ дар ин самт зиёданд. Агар дар соли 2016 хонандагони тоҷик аз олимпиадаҳои байналмилалӣ 133 медал – 21 тилло, 33 нуқра ва 79 биринҷӣ ба даст оварда бошанд, пас дар соли 2017, хонандагони тоҷик дар 26 олимпиадаи байналмилалӣ иштирок намуда, 165 медал, аз ҷумла 34 тилло, 57 нукра ва 74 биринҷӣ ба даст оварда, парчами Ватанро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоштанд.

Дар соли 2019 бошад, хонандагони кишвар, дар олимпиадаҳои байналмилалӣ, ки дар чандин давлати пешрафтаи дунё баргузор гардидан, фаъолона иштирок карда, сазовори 251 медал, аз ҷумла 67 тилло, 66 нуқра ва 118 биринҷӣ гардиданд [8].

Соли 2020 дар асоси дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо масъулонои соҳаи илму маориф ва аҳли зиёи кишвар шумораи стипендияи Президентӣ аз 400 ба 3000, шумораи чунин стипендияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва

олии касбӣ аз 100 ба 500 ва барои аспирантони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ аз 15 ба 50 расонида шуд.

Бояд тазаккур дод, ки аз шумораи умумии стипендияҳои президентӣ 70 фоиз ба фанҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ равона гардидааст [8].

Аз соли 2017 инҷониб дар назди Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш бо ҷалби гирандагони Стипендияҳои президентӣ маҳфили доимоамалкунандаи "Стипендиантҳои ҷавон" фаъолият намуда истодааст [16].

Яке аз механизмҳое, ки айни замон ҷавонони соҳибилмро гирди ҳам овардааст, ин дар фазои илмии кишвар фаъолият намудани Шӯрои олимони ҷавонони Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар соли 2015 Низмономаи Шӯрои олимони ҷавон аз нав қабул шуд, ки дорои 18 бюро буда, айни ҳол 200 нафар олимону муҳаққиқони ҷавон узви он мебошанд. Инчунин солҳои охир шумораи ихтирокорони ҷавон рӯ ба рушд буда, шумораи ихтироъкорони ҷавон (аз 21 то 30 сола) то санаи 3 сентябри соли 2018 – 92 нафар мебошанд [16].

Илова бар ин бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии бештари олимони ҷавон шумораи ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимон ва муҳаққиқони ҷавон зиёд карда шуда, ҳар сол 12 нафар ба ин ҷоиза сарфароз гардонида мешавад ва то ба имрӯз 160 нафар олимони ҷавон соҳиби ин ҷоиза гардидаанд [8].

Иштирок ва суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якуми Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (27-уми майи соли 2016) саҳифаи зарринро дар таърихи ҳаракати ҷавонони кишвар ибтидо гузошт.

Сарвари давлати тоҷикон, Раиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ стратегияи нави ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти давлатиро бо ташкилоту созмонҳои ҷавонон бо таври возеху равшан муайян ва чунин иброз намудааст: "Имрӯз масъалаҳои зиёди ҳаётан муҳим, аз ҷумла таҳкими пояҳои давлатдорӣ, рушди устувори кишвар, бунёди роҳҳо ва нақбу пулҳо, нерӯгоҳҳои хурду бузург, сохтмони садҳо иншооти иҷтимоӣ, инчунин чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ ва дигар корҳои шоиставу созанда ҷавонони моро интизоранд.

Барои амалӣ гардидани ин корҳои бузург аз ҳар як ҷавони ватандӯсту ватанпарвар дониши амиқ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ тақозо мегардад.

Умед дорем, ки ҷавонони мо аз уҳдаи иҷрои ин вазифаҳо мебароянд ва минбаъд низ кӯшиш мекунанд, ки ба нафъи давлату ҷомеа содиқона хизмат намоянд» [19].

Ҷавонони Тоҷикистон дар сохтмони иншооти бузурги аср – Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" фидокорона меҳнат кардаанд. Мурод Саъдуллоев – муовини директори техникии ин иншоот чунин арзёбӣ намудааст: "Ман албатта дар ҳамин андеша ҳастам, ки ҷавонон дар ҳама давру замон ояндаву ояндасози давлату миллатҳо буданд, ҳастанд ва мемонанд. Ва насли бузургсолтарро мебояд дар тарбияву ба камолрасонии насли ҷавон пайваста заҳмат кашанд, то эшон нисбат ба насли пешини худ хубтару донишмандтару бомаърифаттар бошанд. Дар ҷавонони мо албатта ин чиз ҳис карда мешавад. Агар нақши эшонро дар бунёди нерӯгоҳ ҳисоб кардан хоҳем, бесобиқа хоҳад буд. Ман дар ҳақиқат ба ин боварам, ки бидуни нақши ҷавонони боору ватандӯст мо наметавонистем ба ин чиз даст ёбем" [6].

Дар тақвияти ин гуфтаҳо Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд: "Қобили зикр аст, ки мо иштироки фаъолонаи ҷавонони мамлакатро дар сохтмони иншооти азиму тақдирсози кишвар, аз ҷумла неругоҳи барқи обии "Роғун" ва дар тамоми корҳои бунёдкориву созандагӣ бараъало мушоҳида менамоем.

Аз 11 ҳазор нафар бунёдкорони иншооти азими аср – неругоҳи барқи обии "Роғун" беш аз 40 фоизашон ҷавонони то 40-сола мебошанд" [8].

Саҳифаи навро дар ҳаёти ҷавонони мамлакат пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22-уми декабри соли 2016) боз намуд, ки дар он омадааст: "Бо дарназардошти саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат пешниҳод менамоям, ки соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли ҷавонон эълон карда шавад.

Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд" [13].

Соли 2017-ро барҳақ метавон дар асл Соли ҷавонон, таҷлили 25-умин солгарди ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон ва 20-умин солгарди фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон номид. ин иқдом дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба дастгирии ҷавонон нақши назаррас бозид.

Ташаббуси мазкур, инчунин, барои боло рафтани ҳисси ватандӯстӣ, ташаккули тафаккури ҷавонон доир ба масъалаҳои ифтихори миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ такони ҷиддӣ бахшид. "Бо назардошти саҳми ҷавонон, - таъкид менамояд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти иқтисодиву сиёсии мамлакат мо соли 2017-ро "Соли ҷавонон" эълон карда будем, ки ба таҳкими бештари нақши ҷавонон дар ҷомеа ва фароҳам овардани шароити беҳтар барои онҳо мусоидат намуд.

Ин иқдом татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва фазои кору фаъолияти онҳоро дар муҳмтарин самтҳои ҳаёти ҷомеа, алалхусус, сиёсат, иқтисод ва фарҳанг тавсеа бахшид". [8]

21 майи соли 2021 мулоқоти навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонони кишвар баргузор гардид. Сарвари давлати тоҷикон дар ин мулоқот ба мавқеи ҷавонон аз ҷумла қайд намуд: "Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд. Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ менамоем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем". [8]

Ҷавобан ба талошҳои пайгирона ва ҳамвора бо ҷавонон будани Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, насли ҷавони кишвар, бахусус ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатмандро мебояд тамоми нерӯ ва тавоноии хешро баҳри рушди устувори Ватани хеш – Тоҷикистон, татбиқи босамари дастуру ҳидоятҳо ва сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат, пос доштани таъриху тамаддун ва арзишҳои миллӣ, дастовардҳои давраи Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллию суботу осудагии ҷомеа равона карда, зимнан, ба наслҳои дигар онҳоро мерос гузоранд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Абдуллозода,А.Р.Пешвои миллат бо ҷавонон/А.Р.Абдуллозода,Қ.А.Миралиён.–Душанбе, 2018.– 416 с.
2. Асадуллоев, Р. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон": аҳамият ва мавқеъҳои асосии он / Р.Асадуллоев, М.Шарифов. – Душанбе: Деваштич, 2005.– 75 с.
3. Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.-май, 1997. – Душанбе, 1997.
4. Маҳмудзода, М. Имкониятҳои конститутсионии иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ/М.Маҳмудзода // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2018.– 23 май.
5. Набиев, В. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол / В.Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 340 с.
6. Назар, Ш. "Роғун" – мактаби бузурги гидроэнергетикҳои ҷавон/Ш.Назар,Х.Ховарӣ// Ҷавонони Тоҷикистон.–2018.–11 ноябр.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон", 26 январи соли 2021. – Хуҷанд, 2021. – 53 с.
8. Пешвои миллат: таваҷҷуҳ ба ҷавонон ғамхорӣ бароиояндаи миллати тоҷик мебошад: Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар. 21.05.2021 // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2021. – 27 май.
9. Раҳмонов, Э. Бунёдкорониояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол / Э.Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 45 с.
10. Раҳмонов, Э. Ватани худро дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонони ҷумҳурӣ, 21 майи соли 2005 / Э.Раҳмонов.– Душанбе: Деваштич, 2005. – 48 с.
11. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Э.Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 208 с.
12. Садои мардум. – 1993 – 7 феврал.
13. Тоҷикистон пур аз ҷавонист: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 29 декабр.

14. Туйчизода, М. Ректорони ҷавонтарини Тоҷикистон / М.Туйчизода // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2020. – 26 феврал.
15. Холмуродов, Б. Пешвои миллат – бунёдгузори сиёсати давлатии ҷавонон / Б.Холмуродов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2018. – 22 ноябр.
16. Холмуродов, Б. Президент – роҳнамо ва ғамхори ҷавонон / Б.Холмуродов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2018. – 14 ноябр.
17. Холмуродов, Б. Дуюмин ҳамоиши гирандагони Стипендияи президентӣ доир гардид / Б.Холмуродов, Н.Муродбекова // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2018. – 14 ноябр.
18. Чархи гардун. – 2020. – 26 феврал.
19. Шӯрои миллӣ робитаи бевосита ва самарабахши ҷавононро бо роҳбарияти кишвар таъмин менамояд: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якуми Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 майи соли 2016, ш.Душанбе // Садои мардум. – 2016. – 28 май.

**REFERENCES:**

1. Abdullozoda, A.R. Leader of the Nation with Youth/A.R.Abdullozoda,Q.A.Miraliyon.– Dushanbe, 2018. – 416 p.
2. Asadulloev, R. Law of the Republic of Tajikistan “On the Youth Policy”: its Value and Main Roles / R. Asadulloev, M. Sharipov. – Dushanbe: Devashtich. 2005. – 75 p.
3. Decrees of the President of Tajikistan Republic Government. May, 1997. – Dushanbe, 1997.
4. Mahmudzoda, M. Constitutional Possibilities of Youth Participation in Social and Political Life/ M.Mahmudzoda // Youth of Tajikistan. – 2018.– May, 23.
5. Nabiev, V. Founders of Independent Tajikistan / V. Nabiev. – Dushanbe: Cognition, 2013. – 340 p.
6. Nazar, Sh. “Rogun” – Grand School of Young Hydroenergeticians/Sh.Nazar,H.Hovari//Youth of Tajikistan–2018.–November,11.
7. Address of the President of Tajikistan Republic, Leader of the nation Emomali Rahmon to the Supreme council of the republic of Tajikistan about major political internal and external directions of the republic of Tajikistan, January, 26, 2021. – Khujand, 2021. – 53 p.
8. Leader of the nation: attention to the youth is forethought of tajik nation’s future: Speaking of the founder of peace and national unity – Leader of nation, President of the republic of Tajikistan Emomali Rahmon in talks to youth of country. 21.05.2021//Youth of Tajikistan. – 2021. – May, 27.
9. Rahmonov, E. Founders of future independent Tajikistan / E.Rahmonov. – Dushanbe: Irfon, 1997. – 45 p.
10. Rahmonov, E. Love, appreciate and protect your Homeland: Speaking of the President of the republic of Tajikistan in talks to youth of the republic, May, 21, 2005 / E.Rahmonov. – Dushanbe: Devashtich, 2005. – 48 p.
11. Rahmonov, E. Tajikistan: four years of independence and self-knowledge / E.Rahmonov. – Dushanbe: Irfon, 1995. – 208 p.
12. Voice of people. – 1993 – February, 7.
13. Tajikistan is full of youthfullness: Address of President of the republic of Tajikistan, Leader of the nation Emomali Rahmon to the Supreme council of the republic of Tajikistan // Literature and art. – 2016. – December, 29.
14. Tuichizoda, The youngest Rector of Tajikistan / M. Tuichizoda // Youth of Tajikistan. – 2020. – February 26.
15. Holmurodov, B. Leader of the nation – founder of youth pilicy / B. Holmurodov // Youth of Tajikistan. – 2018. – November, 22.
16. Holmurodov,B. President – leader and solicitude of youth / B. Holmurodov // Youth of Tajikistan. – 2018. – November, 14.
17. Holmurodov, B. Second conference of granties of president scholarship was held / B. Holmurodov, N.Murodbekova // Youth of Tajikistan. – 2018. – November, 14.
18. Concave. – 2020. – February, 26
19. National concil provides direct and fruitful youth connection to goverenment: Speaking of the President of the republic of Tajikistan on the first meeting of national council of youth under the President of the republic of Tajikistan, May,27, 2016, Dushanbe//Voice of people.–2016. – May, 28.